ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод гардидааст.

Дар замони муосир рӯ овардан ба таърихи аҳди қадими халқи тоҷик зарур ва муҳим буда, омӯзиши ҳамаҷонибаи он имкон медиҳад, ки масъалаҳои мубраму баҳсангез рӯшану возеҳ гардад. Махсусан, таҳқиқи таърихи давлатдорӣ ва тамаддуни аҷдоди мо тоҷикон – ориёиҳо боиси баланд шудани савия ва сатҳи мафкураи миллӣ мегардад. Дар масири бунёди давлати миллӣ яке аз шартҳои асосӣ аз таҷрибаи давлатдории аҷдодӣ истифода намудан арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, омӯзиши таърихи империяи Ҳахоманишиён имкон медиҳад, ки нақши ориёиҳо дар ташаккул ва рушди ниҳоди давлатӣ ва унсурҳои тамаддуни башарӣ мушаххас гардад. Хоссатан аз лиҳози таърихнигорӣ мавриди таҳқиқ қарор додани масъала боиси ҳалли бисёр муамоҳо мегардад.

Дар воқеъ, замони Ҳахоманишиён давраи авҷи баланди ташаккул ва рушди фарҳанги мардумони ориёӣ ба шумор мерафт, ки осори муҳаққиқон аз ин шаҳодат медиҳад. Аз аҳди Ҳахоманишиён то ба мо ёдгориҳои зиёди моддӣ ва маънавӣ боқӣ мондаанд, ки на танҳо мероси маданияти мардуми эрониасл, балки мероси тамаддуни башарӣ низ ба ҳисоб хоҳанд рафт. Беҳуда нест, ки гуфтаанд: «Оғози таърих аз Эрон аст». Маданияти моддии аҳди Ҳахоманишиёнро боқимондаи вайронаҳои Сӯз, Персипол, Истахр, Шуш, Бесутун, Ҳусайнкӯҳ - асосан баррелефҳои қасрҳо, тасвирҳои рӯи деворҳо, сутунҳо, кандакориҳо, навиштаҷотҳо, тангаҳо, сафолот, муҷассамаҳо ташкил медиҳанд. Маданияти маънавии ин давра аз хатту алифбо ва илму адабиёт иборат аст. Империяи Ҳахоманишиён аввалин ва бузургтарин империяи дунёи қадим буд ва онро мардумони эронинажод сохта буданд. Он 220 сол, аз соли 550 то 330 т.м., то истилои Искандари Мақдунӣ вуҷуд дошт. Дастовардҳои онро давлатҳои минбаъда васеъ истифода бурдаанд.

Дар осори аксар муаррихоне, ки вобаста ба таърихи халқи тоҷик ва таърихи ҷаҳонӣ, махсусан давраи қадими он таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, доир ба давлатдории Ҳахоманишиҳо ва нақши хоссаи онҳо дар тамаддуни ориёӣ ва ҷаҳонӣ маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Махсусан, дар ин самт таҳқиқоти М.А. Дандамаев, В.И. Авдиев, Эҳсон Табарӣ, Арнолд Тойнби, Вилл Дюрант, Саид Муртазо Ровандӣ, Клеман Ҳовер, Муҳаммади Муҳаммадӣ, Маҳмадқул Ҳазратқулов беназиранд. Дар қатори чунин муаррихони бузург метавон Эмомалӣ Раҳмонро бо осори

безаволи хеш, ки қариб тамоми паҳлуҳои масъалаи тамаддуни ориёиро дар даврони Ҳахоманишиҳо бо хусусиятҳо инъикос намудааст, ҷой дод.

Диссертант аз ҳамаи ин асарҳо истифода намуда, масъалаи баррасишавандаро рӯшан кардааст. Ӯ тамоми паҳлуҳои тамаддуни даврро бо ҷиҳату ҷанбаҳои хосаш инъикос намуда, дар такя бо сарчашмаҳои бостоншиносию забоншиносӣ ва таҳқиқоти олимони варзида аз сохтори сиёсӣ сар карда, то маданияти эшонро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Фарқияти асосии маълумотҳои ӯ аз дигарон, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки асоси матлабашро таҳлил ва муқоисабандӣ ташкил медиҳад. Ӯ таърихи давлатдорӣ ва тамаддуни Ҳахоманишиҳоро аз нигоҳи нав, ки ба талаботҳои илм ҷавобгӯянд, мавриди инъикос қарор додааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатся мутобиқ ба бандҳои 29, 30-31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти № 591 муқаррар гардидааст, омода ва таҳия шудааст.

Тақризиҳанда: н.и.т., декани факултети
Дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадзода У.Д.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. С. Носир, 33,
МД «Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».
Тел. (корӣ): (+992) 918429524
E-mail: ubaidullo.88@mail.ru

Имзои У.Д. Маҳмадзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.
04.11.2026

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. С. Носир, 33,
МД «Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».
Тел. (корӣ): (+992 37) 224-17-86.
E-mail: info@apa.tj; Сомонаи расмии муассиса: https://apa.tj/